**ҚАРОРИ**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№21**

**аз 26 июни соли 2009** **шаҳри Душанбе**

**Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба одамкушӣ**
***(бо тағйиротҳое, ки бо қарори Пленум аз 23 ноябри соли 2012, № 29 ворид карда шудаанд)***

Бинобар пайдо шудани саволҳо, ҳангоми татбиқ намудани қонунгузорӣ бо парвандаҳои оид ба ҷиноятҳои одамкушӣ, дар асоси моддаи 27 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,-

**Қ А Р О Р К А Р Д:**

1. Диққати мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ба аҳамияти махсус доштани татбиқи дуруст ва якхелаи қонунгузории амалкунанда оид ба ҷавобгарӣ барои таҷовуз ба ҳаёти инсон ҷалб карда шавад. Дараҷаи баланди ба ҷамъият хавфнокии ҷинояти одамкушӣ, пешбинӣ гардидани ҷазои сахт барои содир кардани онҳо, аз ҷумла, ҷазои истисноӣ – қатл ё якумра аз озодӣ маҳрум сохтан, ҳангоми мавҷуд будани ҳолатҳои вазнинкунанда мақомоти зикргардидаро вазифадор менамояд, ки талаботи қонунро оид ба таҳқиқи ҳарҷониба, пурра ва объективонаи ҳамаи ҳолатҳои ҷинояти содиршуда, бечунучаро иҷро намоянд.

Аз рӯи ҳар як парвандаи марбут ба ҷиноятҳои одамкушӣ бояд ҳамаи ҳолатҳои кор, алалхусус, шакли гуноҳ, ангеза, мақсад ва тарзи содиршавии куштор, ки барои баҳои дурусти ҳуқуқӣ додан ба кирдори гунаҳгор ва таъин намудани ҷазои одилона аҳамияти муҳим доранд, пурра муайян карда шаванд.

Хулосаҳои суд доир ба гунаҳгории судшаванда, банду басти ҷинояти содиргардида ва таъини ҷазо бо нишон додани далелҳои дар мурофиаи судӣ таҳқиқшуда, бояд дар ҳукм асоснок гардад.

2. Ҳангоми тафтиш ва баррасии парвандаҳо оид ба одамкушӣ, ки аз рӯи онҳо якчанд шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудаанд, бояд хусусият ва дараҷаи иштироки ҳар яки онҳоро дар ин ҷиноят муқаррар намуд.

Ҳамзамон, ба сифати ҳамиҷрокунандагони ҷиноят бояд шахсоне эътироф карда шаванд, ки бо қасди ба куштор равонашуда якҷоя амал намуда, дар ҷараёни аз ҳаёт маҳрум сохтани ҷабрдида бевосита иштирок кардаанд.

Агар одамкушӣ аз ҷониби якчанд шахс содир шуда бошад, бояд ҳолатҳои дар байни шарикони ҷиноят ҷой доштани маслиҳати пешакӣ, тақсим шудани нақшҳо байни онҳо ва инчунин ҳамаи дигар ҳолатҳое, ки бо назардошти онҳо дар хусуси мавҷуд будан ё набудани гурӯҳи муташаккил хулосабарорӣ намудан мумкин аст, дақиқан таҳқиқ карда шавад.

Дар вақти содир намудани ҷиноят дар шарикӣ бояд дар назар дошт, ки аломатҳои бандубасткунанда, ба монанди, одамкушӣ дар ҳолати ретсидиви махсусан хавфнок ё аз ҷониби шахси қаблан одамкушӣ содирнамуда, танҳо ҳангоми банду баст намудани ҳаракатҳои шариконе ба инобат гирифта шавад, ки ин аломатҳо бевосита ба онҳо тааллуқ доранд.

3. Бояд ба эътибор гирифт, ки агар ҷинояти одамкушӣ, ки ҷавобгарӣ барои он дар моддаи 104-и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КҶ) пешбинӣ шудааст, ҳам бо қасди бевосита ва ҳам бо қасди бавосита содир гардад, пас сӯиқасд ба одамкушӣ танҳо бо қасди бевосита содир мешавад, яъне ҳаракатҳои гунаҳгор аз он шаҳодат медиҳанд, ки ӯ ба амал омадани маргро пешбинӣ намуда, хоҳони фарорасии он буд, вале оқибати марговар бо сабабҳои аз ӯ

вобастанабуда, то ба охир расонида нашудааст (мисол, бо сабаби муқобилияти сахт нишон додани ҷабрдида, дахолати шахсони дигар, сари вақт ба ҷабрдида расонидани ёрии тиббӣ ва ғайра).

Агар дар ҳаракати гунаҳгор таркиби сӯиқасд ба одамкушӣ исбот шуда бошад, пас он банду басти иловагиро аз рӯи оқибати нисбати ҷабрдида бавуқуъомада талаб наменамояд.

4. Бо назардошти он, ки ҳолати рӯҳии айбдоршаванда то содиркунӣ ва дар лаҳзаи содир кардани ҷиноят барои муайян намудани ангеза ва мақсади куштор аҳамияти муҳим дорад, ба мақомоти тафтишоти пешакӣ лозим аст, ки экспертизаи судӣ – рӯҳшиносӣ гузаронад, дар ҳолати зарурӣ бошад гузаронидани онро бо ҷойгир намудани шахс дар муассисаи тиббии дахлдор барои назорати стасионарӣ таъин намояд.

5. Зарур аст, ки одамкушии қасдона аз қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, ки боиси фавти ҷабрдида гардидааст, дар сурате, ки муносибати гунаҳгор ба марги фаворасида дар беэҳтиётӣ зоҳир мегардад, фарқ карда шавад.

Ҳангоми ҳал кардани масъалаи қасди равонакардаи гунаҳгор бояд маҷмӯи ҳамаи ҳолатҳои ҷинояти содиршуда, аз ҷумла, тарз ва олоти ҷиноят, миқдор, хислат, ҷойгиршавии ҷароҳатҳо ва дигар зарарҳои ҷисмонӣ (масалан, ҷароҳати узвҳои ҳаётан муҳими одам), сабабҳои кирдори ҷиноятоконаашро қатъ кардани гунаҳгор ва ғайраҳо, инчунин рафтори гунаҳгору ҷабрдида пеш аз ҷинояту баъди он ва муносибати онҳо ба назар гирифта шавад.

Масалан, дар хусуси мавҷуд будани қасди бевосита барои аз ҳаёт маҳрум кардан ҳолатҳои зерин метавонад шаҳодат диҳанд: ҷабрдидаро ба нишон гирифта тир паррондан, аз баландии калон партофтан, бо маводи заҳрнок заҳролуд намудан, ғарққунондан, овехтан, ба зери қатора ё автомобили ҳаракаткунанда тела додан ва ба ин монанд ҳаракатҳо. Гузаштани вақти зиёд аз лаҳзаи расонидани зарари ҷисмонӣ то фаворасии марг, ҷавобгарии шахсро барои одамкушӣ истисно намекунад, ба шарте ки байни кирдори гунаҳгор ва фаворасии марги ҷабрдида алоқаи сабабӣ мавҷуд бошад, яъне ҳаракатӣ (беҳаракатӣ)-и субъект бояд шарти зарурии фаворасии он шуда бошад. Дар сурати муқаррар намудани қасди бавосита кирдори содиршуда бояд аз рӯи оқибати воқеии баамаломада банду баст карда шавад (моддаҳои 110, 111, 112-и КҶ ).

6. Бо қисми 1-и моддаи 104 КҶ одамкушие банду баст карда мешавад, ки аломатҳои бандубасткунандаи дар қисми 2-и моддаи 104 КҶ нишондода ва ҳолатҳои сабуккунандаи дар моддаҳои 105, 106 ва 107-и КҶ пешбинишударо надошта бошад, масалан, ҳангоми мунокиша ва занозанӣ (дар сурати набудани ҳиссиёти авбошӣ), аз рӯи рашк, ҳасад, хусумат, бадбинӣ, қасос, ки асос барои онҳо хафашавӣ, таҳқир, рафторҳои бадахлоқона ва ғайриқонунии қаблии ҷабрдида шуда бошад, инчунин кушторе, ки бо хоҳиши ҷабрдида аз рӯи дилсӯзӣ, ҳангоми муайян накардани ангеза ва мақсади куштор, дар сурати барнагардонидани қарз, дар заминаи хурофот, куштори мазҳабӣ ва қурбоникунии одамон, ки ба ангезаи бадбинии миллӣ, динӣ, нажодӣ ва маҳалгароӣ алоқаманд намебошанд.

7. Бо банди «а» қисми 2-и моддаи 104 КҶ бояд куштори ду шахс ё бештар аз он банду баст карда шавад, агар ҳаракати гунаҳгорро қасди ягона дар бар гирифта, чун қоида дар як вақт ё фосилаи кутоҳи вақт содир шуда бошад.

Куштори як шахс ва сӯиқасд ба куштори шахси дигар ҳамчун ҷинояти хотимаёфтаи куштори ду шахс банду баст карда намешавад. Дар чунин ҳолат новобаста аз пайдарҳамии ҳаракатҳои ҷиноятокорона, кирдор бояд бо қисмҳои 1 ё 2-и моддаи 104 ва қисми 3-и моддаи 32, банди «а» қисми 2-и моддаи 104 КҶ банду баст карда шавад.

8. Бо банди «б» қисми 2-и моддаи 104 КҶ куштори шахс ё наздикони ӯ, ки бо мақсади мамониат кардан барои аз ҷониби шахси мазкур ҷиҳати ба амал баровардани фаъолияти хизматии қонунии худи ӯ ё иҷро намудани қарзи ҷамъиятӣ аз рӯи ангезаи қасос барои чунин фаъолият содир гардидааст, банду баст карда мешавад.

Зери мафҳуми баамалбарории фаъолияти хизматӣ бояд ҳаракатҳои шахс, ки ба доираи ӯҳдадориҳои хизматии ӯ дохил шуда, аз шартномаи меҳнатӣ (қарордод) бо корхона, дигар ташкилоти тибқи қонунгузорӣ бақайдгирифташудаи давлатию шахсӣ новобаста аз шакли моликияташон, бо соҳибкорон, ки фаъолияташон ба қонунгузории амалкунанда мухолиф нест, ба вуқӯъ меояд, фаҳмида мешавад. Таҳти иҷрои қарзи ҷамъиятӣ бошад аз ҷониби шаҳрванд амалӣ

намудани ҳам вазифаҳои ба ӯҳдааш вогузошташуда ба манфиати ҷамъият ё манфиатҳои қонунан ҳифзшавандаи шахсони алоҳида, ҳам иҷрои дигар амалҳои фоиданоки ҷамъиятӣ (пешгирӣ кардани ҳуқуқвайронкунӣ, ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ хабар додан оид ба ҷиноятҳои тайёр шудаистода ё содиршуда ё дар бораи ҷои шахси барои ҳуқуқвайронкуниаш дар кофтукови ҷиноӣ қарордошта, додани нишондод аз тарафи шоҳид ё ҷабрдида, ки шахси ҷиноятсодирнамударо фош месозанд ва ғайра) дониста мешавад.

Ба шахсони наздики ҷабрдида, дар баробари хешони наздикаш, инчунин дигар шахсоне, ки бо ӯ муносибати хешутаборӣ доранд (хешони ҳамсар), ғайр аз он шахсоне, ки ҳаёт, саломатӣ ва некуаҳволии онҳо аз рӯи муносибатҳои шахсии ба миёномада ба ҷабрдида муҳим аст ва дар ин хусус гунаҳгор баръало огоҳ буд, дохил мешаванд.

Бо банди «б» қисми 2-и моддаи 104 КҶ танҳо куштори шахсе банду баст карда мешавад, ки дар асоси қонун амал карда бошад. Агар сабаби куштор ҳаракатҳои ғайриқонунии ҷабрдида шуда бошад (масалан, баромадан аз ҳадди ваколатҳои хизматӣ), чунин кирдор бо банди «б» қисми 2-и моддаи 104 КҶ банду баст карда намешавад.

9. Бо банди «в» қисми 2-и моддаи104 КҶ куштори шахси баръало ноболиғ ё шахсе, ки дар ҳолати оҷизӣ қарор доштани ӯ барои гунаҳгор аён аст ва бинобар ноболиғӣ ё ҳолати ҷисмонию рӯҳӣ барои ҳимояи худ имконияти ба гунаҳгор муқобилият нишон доданро надошта, охирин ин ҳолатро дарк намуда, кушторро содир намуда бошад, банду баст карда мешавад.

Зери мафҳуми куштори шахси ноболиғ куштори шахси ба синни ҳаждаҳсолагӣ нарасида, фаҳмида мешавад. Дар ин ҳолат бояд ба назар гирифт, ки банду баст бо банди «в» қисми 2-и моддаи 104 КҶ танҳо дар ҳолатҳое имконпазир аст, ки агар гунаҳгор дидаю дониста дарк намояд, ки куштори ноболиғро содир карда истодааст. Ҳамзамон, зарур аст, ки на танҳо нишондодҳои судшаванда дар бораи синну соли ноболиғ ба назар гирифта шаванд, балки бояд мувофиқати онҳо бо ҳолатҳои дигари кор низ санҷида шаванд.

Ба шахсони дар ҳолати оҷизӣ қарордошта, аз ҷумла, беморон, пиронсолон, дар ҳолати беҳушӣ ва мастии сахт қарордоштагон, хоб будагон, хурдсолон ва дар баъзе ҳолатҳо ноболиғон, шахсони гирифтори касалиҳои рӯҳӣ, ки бо ин сабаб моҳияти ҳодисаҳоро дуруст дарк карда наметавонанд ва ғайраҳо дохил мешаванд.

Агар дар натиҷаи шиканҷа ҷабрдида ба ҳолати оҷизӣ оварда, сипас ба марг расонида шуда бошад, куштори чунин шахс бояд дар маҷмӯъ бо банди «в» қисми 2 моддаи 104 ва моддаи 143[1-и] КҶ, банду баст карда шавад».

Дар натиҷаи шиканҷа ба саломатии шахс қасдан зарари вазнин расонида шаваду аз беэҳтиётӣ боиси марги ҷабрдида гардида бошад, он гоҳ кирдори гунаҳгор қисми дахлдори моддаи 143[1-и] КҶ-ро дар бар гирифта, иловатан бо моддаи 110-и КҶ банду баст намуданро талаб наменамояд.

10. Ҳангоми банду басти кирдори гунаҳгор бо банди «г» қисми 2-и моддаи 104 КҶ бо аломати одамкушӣ, марбут ба одамрабоӣ ё гаравгонгирӣ бояд дар назар дошт, ки тибқи мафҳуми қонун ҷавобгарӣ бо банди мазкур на танҳо барои қасдан ба марг расонидани рабудашуда ё ки ба гаравгон гирифташуда, балки барои куштори шахсони дигар, ки аз ҷониби шахси гунаҳгор вобаста ба рабудан ё ба гаравгон гирифтан содир шудааст, ба миён меояд. Кирдори содиргардида бояд дар маҷмӯъ бо ҷиноятҳои дар моддаҳои 130 ё 181-и КҶ пешбинишуда, банду баст карда шавад.

11. Барои татбиқи банди «д» қисми 2-и моддаи 104 КҶ қонун ҳамчун шарти зарурӣ талаб менамояд, ки гунаҳгор бояд донад, ки ҷабрдида ҳомиладор аст ва дидаву дониста ин ҷиноятро содир кардааст. Дар бораи аниқ донистани ин ҳолат масалан, нишонаҳои берунии ҳомиладорӣ ва дигар маълумотҳои мавҷуда метавонанд шаҳодат диҳанд. Шахсе, ки дар бораи ҳомиладории ҷабрдида маълумоти аниқ надорад, бо банди «д» қисми 2-и моддаи 104 КҶ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад. Давомнокии ҳомиладорӣ ба банду басти кирдори содиргардида, дар чунин шакл аҳамият надорад. Ҳамчунин ҳангоми куштори зани ҳомиладор ба марг расонидан ё нарасонидани кудаки дар батни ӯ буда, низ ба баҳодиҳии кирдори содиргардида, таъсир намерасонад.

12. Ҳангоми банду басти одакушӣ бо банди «е» қисми 2-и моддаи 104 КҶ бояд дар назар

дошт, ки мафҳуми бераҳмии махсус ҳам ба тарзи куштор ва ҳам ба дигар ҳолатҳое, ки оиди аз ҷониби гунаҳгор зоҳир намудани бераҳмии махсус шаҳодат медиҳанд, алоқаманд мебошад. Ҳамзамон, барои кушторро бо бераҳмии махсус содиршуда эътироф намудан бояд муқаррар карда шавад, ки қасди гунаҳгор маҳз ба куштор бо бераҳмии махсус равона шудааст.

Нишонаҳои бераҳмии махусус, аз ҷумла дар ҳолатҳое ҷой дорад, ки агар пеш аз маҳрум кардан аз ҳаёт ва ё дар ҷараёни содиркунии одамкушӣ нисбати ҷабрдида азобу уқубат истифода шуда ё қурбонии ҷиноят таҳқир карда шавад, инчунин агар кушторро гунаҳгор дидаву дониста бо тарзе содир намояд, ки ба ҷабрдида азобу уқубати махсус диҳад (расонидани шумораи зиёди зарари ҷисмонӣ, истифодаи заҳри азиятдиҳанда, зинда сӯзонидан, дурудароз аз хӯроку об маҳрум намудан ва ғайраҳо). Бераҳмии махсус метавонад бо содир намудани куштор дар хузури шахсони наздики ҷабрдида зоҳир гардад, агар гунаҳгор дарк намояд, ки бо ҳаракатҳои худ ба онҳо азобу уқубати махсус мерасонад. Худ зиёд будани миқдори ҷароҳатҳо шаҳодати бо бераҳмии махсус содир шудани куштор намегардад.

Таҳқири ҷасад худ ба худ ҳамчун ҳолати бо бераҳмии махсус содир намудани одамкушӣ шаҳодатдиҳанда баҳо дода намешавад. Дар чунин ҳолатҳо, агар дигар нишонаҳои аз ҷониби гунаҳгор зоҳир намудани бераҳмии махсус пеш аз ҳаёт маҳрум сохтани ҷабрдида ё дар ҷараёни содир намудани куштор набошанд, кирдор бояд бо қисмҳои дахлдори моддаҳои 104 ва 243-и КҶ, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои таҳқири ҷасади фавтидагон пешбинӣ намудааст, банду баст карда шавад.

Нобуд ва ба қисмҳо ҷудо кардани ҷасад бо мақсади рӯйпӯш намудани ҷиноят барои бо бераҳмии махсус банду баст кардани куштор асос шуда наметавонад.

13. Таҳти мафҳуми одамкушӣ бо тарзи ҳаёти мардуми зиёд хавфнок (банди «ж» қисми 2-и моддаи 104 КҶ) чунин тарзи қасдан ба марг расонидан фаҳмида мешавад, ки гунаҳгор баръало донад, ки он на танҳо ба ҳаёти ҷабрдида, ҳатто боз ба як шахси дигар низ хавф дорад (масалан, бо роҳи тарконидан, оташ задан, тирпарронӣ дар ҷои мардуми зиёд ҷамъшуда, заҳролудкунии обу хӯрокворӣ, ки ба ғайр аз ҷабрдида дигар шахсон низ истеъмол менамоянд).

Агар дар натиҷаи аз ҷониби гунаҳгор истифодаи тарзи куштори барои ҳаёти мардуми зиёд хавфнок марги на танҳо шахси мушаххас, балки дигарон низ фаро расида бошад, ин кирдорро бо ду банд, ҳам бо банди «ж» қисми 2-и моддаи 104 КҶ ва ҳам бо банди «а» қисми 2-и моддаи 104 КҶ, вале дар сурати ба дигар шахсон расонидани зарари ҷисмонӣ бошад, бо банди «ж» қисми 2-и моддаи 104 КҶ ва моддаҳои Кодекси мазкур, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои қасдан расонидани зарар ба саломатӣ пешбинӣ намудаанд, банду баст кардан лозим аст.

Дар ҳолатҳое, ки агар одамкушӣ бо роҳи тарконидан, оташ задан ё дигар тарзҳои хавфи умумидошта содир шуда, ба несту нобуд ё вайрон кардани молу мулки ғайр ё киштзори ба фонди ҷангал дохилнабуда алоқаманд бошад, кирдор дар баробари банди «ж» қисми 2-и моддаи 104 КҶ боз бо қисми 2-и моддаи 255 КҶ ё бо қисми 2-и моддаи 235 КҶ банду баст карда мешавад.

14. Дар мавриди банду басти одамкушӣ бо банди «з» қисми 2-и моддаи 104 КҶ бояд мафҳуми дар моддаи 39-и ҳамин Кодекс овардашуда оиди ҷиноятe, ки аз ҷониби гурӯҳи шахсон ё гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ, гурӯҳи муташаккил ё иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ) содир шудааст, ба назар гирифта шавад.

Куштор дар ҳолате аз ҷониби гурӯҳи шахсон содиршуда ҳисобида мешавад, ки агар ду ё зиёда шахсон, бо қасди якҷояи ба куштор равонашуда, бевосита дар ҷараёни аз ҳаёт маҳрум кардани ҷабрдида иштирок карда бошанд. Ҳамзамон, агар ҷабрдида аз ҷароҳатҳои ҷисмонии бардоштааш вафот карда бошад, муҳим нест, ки ин ҷароҳатҳоро кадоме аз ҳамиҷрокунандагон расонида бошанд (масалан, яке муқобилияти ҷабрдидаро бартараф карда, ба ӯ имконияти худмуҳофизаткуниро намедиҳад, дигари бошад ба ҷабрдида ҷароҳати марговар мерасонад). Куштор дар ҳолате низ аз ҷониби гурӯҳи шахсон содиршуда ҳисобида мешавад, ки агар дар ҷараёни аз ҷониби як шахс содир намудани ҳаракатҳое, ки ба одамкушии қасдона равона шудаанд, ба ӯ бо ҳамин мақсад шахси дигар (шахсони дигар) ҳамроҳ шуда бошад.

Маслиҳати пешакӣ барои куштор дар ҳар шакл ифода ёфтани маслиҳати ду ва ё зиёда шахсонро дар назар дорад, ки то содир намудани ҳаракат ҷой дошта, бевосита барои аз ҳаёт маҳрум сохтани ҷабрдида равона шудаанд. Ҳамзамон, дар баробари ҳамиҷрокунандагон дигар

иштирокчиёни ҷиноят метавонанд ба сифати ташкилкунандагон, таҳриккунандагон ё ёрдамчиёни одамкушӣ баромад кунанд ва ҳаракатҳои онҳо бояд бо қисмҳои дахлдори моддаи 36 ва банди «з» қисми 2-и моддаи 104 КҶ банду баст карда шавад.

Гурӯҳи муташаккил ин гурӯҳи иборат аз ду ё зиёда шахсон аст, ки онҳоро қасди содир намудани як ё якчанд куштор муттаҳид кардааст. Чун қоида, ин гурӯҳ ҷиноятро ҳаматарафа ба нақша гирифта, олоти кушторро пешакӣ тайёр намуда, нақшҳоро дар байни иштирокчиёни гурӯҳ тақсим менамоянд. Аз ин рӯ, ҳангоми кушторро аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содиршуда донистан, ҳаракати ҳамаи иштирокчиёни ҷиноятро новобаста аз нақши онҳо дар ҷиноят бояд ҳамчун ҳамиҷрокунандагон бе нишон додани моддаи 36-и КҶ банду баст намуд.

Иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ) ин муттаҳидшавии ду ё якчанд гурӯҳҳои муташаккиле мебошад, ки барои содир намудани як ё якчанд ҷинояти куштор ташкил карда шудааст.

Ҳаракати гунаҳгор, ки дар ҳайати иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ) куштор ё дигар ҷиноятҳое, ки онҳоро ҷинояти мазкур дар бар намегирад, содир намудааст бояд аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо, яъне бо банди «з» қисми 2 моддаи 104 ва моддаҳои дахлдор, инчунин қисми лозимаи моддаи 187-и Кодекси мазкур банду баст карда шавад.

15. Бо банди «и» қисми 2-и моддаи 104 КҶ (куштор бо нияти ғаразнок) бояд кушторе банду баст карда шавад, ки бо мақсади ба даст овардани манфиати моддӣ барои гунаҳгор ё шахсони дигар (маблағ, молу мулк ё ҳуқуқи ба даст овардани он, ҳуқуқ ба манзил ва ғайра) ё халос шудан аз хароҷотҳои моддӣ (баргардонидани молу мулк, қарз, ҳаққи хизматрасонӣ, иҷрои ӯҳдадориҳои молумулкӣ, пардохти алимент ва ғайра) содир шуда бошад.

Ҳамчун куштор бо кирояи зархаридон кирдоре банду баст карда мешавад, ки бо гирифтани мукофоти моддӣ ё дигар мукофот аз ҷониби иҷрокунандаи ҷиноят алоқаманд бошад. Шахсоне, ки кушторро ташкил намудаанд, онро таҳрик додаанд ё барои содир карданаш ёрӣ расонидаанд бо қисми дахлдори моддаи 36 ва банди «и» қисми 2-и моддаи 104 КҶ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Бо аломатҳои бастубандкунандаи марбут ба роҳзанӣ, тамаъҷӯӣ ё бандитизм бояд кушторе банду баст карда шавад, ки дар ҷараёни ҷиноятҳои номбурда содир гардидааст. Дар чунин ҳолатҳо кирдори содиргардида бо банди «и» қисми 2-и моддаи 104 КҶ дар маҷмӯъ бо моддаҳои Кодекси ҷиноятӣ, ки ҷавобгариро барои роҳзанӣ, тамаъҷӯӣ ё бандитизм пешбинӣ намудаанд, банду баст карда мешавад.

16. Бо банди «к» қисми 2-и моддаи 104 КҶ бояд кушторе банду баст карда шавад, ки дар заминаи беҳурматии ошкоро нисбат ба ҷамъият ва меъёрҳои умумиқабулкардаи ахлоқӣ содир шуда, рафтори гунаҳгор таҳдиди ошкоро ба тартиботи ҷамъиятӣ буда, бо хоҳиши худро ба атрофиён муқобил гузоштан, намоиш додани муносибати беҳурматона ба онҳо, алоқаманд мебошад (масалан, қасдан ба марг расонидани шахси барои гунаҳгор ношинос ва ё бо сабабҳои ночиз, ки ҳамчун баҳонаи кӯштор истифода бурда мешавад).

Агар шахси гунаҳгор ба ғайр аз куштор аз ҳиссиёти авбошӣ дигар ҳаракатҳои қасдонаи дағалона вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ, ки дар беэҳтироми нисбат ба ҷамъият ифода ёфта, бо зӯроварӣ ба шаҳрвандон ё таҳдиди истифодаи он, ҳамчунин несту нобуд ё вайрон кардани молу мулки ғайр алоқамандбударо содир карда бошад, кирдори ӯ бо банди «к» қисми 2-и моддаи 104 ва қисми дахлдори моддаи 237-и Кодекси мазкур банду баст карда мешавад.

Барои дуруст фарқ намудани куштори аз ҳиссиёти авбошӣ содиршуда, аз кушторе, ки дар рафти муноқиша ва занозанӣ содир шудааст, бояд муайян намуд, ки ташаббускори ин кирдорҳо кӣ буд, оё муноқиша аз тарафи гунаҳгор чун баҳона барои содир намудани куштор ташкил нашуда бошад. Агар муноқишаю занозаниро ҷабрдида сар карда бошад, инчунин дар ҳолатҳое, ки сабаби муноқиша ҳаракатҳои ғайриқонунии вай гаштааст, гунаҳгор барои куштор аз ҳиссиёти авбошӣ ба ҷавобгарӣ кашида намешавад.

17. Аз мафҳуми қонун бармеояд, ки бо банди «л» қисми 2-и моддаи 104 КҶ банду баст намудани кирдори гунаҳгор барои куштори шахси муайян бо мақсади рӯйпӯш намудани ҷиноят ё осон кардани содир намуни он имконияти банду басти ҳамин кушторро, ба ғайр аз банди мазкур бо дигар банди қисми 2-и моддаи 104 КҶ, ки дигар мақсад ва ангезаи одамкуширо пешбинӣ

намудааст, истисно менамояд. Бинобар ин, агар муайян карда шавад, ки куштори ҷабрдида, масалан, бо нияти ғаразнок ё аз ҳиссиёти авбошӣ содир шуда бошад, он гоҳ ин куштор дар як вақт бо банди «л» қисми 2-и моддаи 104 КҶ банду баст карда намешавад.

Зери мафҳуми куштори одам марбут ба таҷовуз ба номус ё кирдори зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ, кушторе фаҳмида мешавад, ки дар ҷараёни содир намудани ҷиноятҳои мазкур ё бо мақсади рӯйпӯш намудани онҳо, инчунин кирдоре, ки масалан, бо ангезаи қасос гирифтан аз шахсе, ки барои содир намудани ин ҷиноятҳо муқобилият нишон додааст, содир шуда бошад. Бо назардошти он, ки дар чунин ҳолат ду ҷинояти мустақил содир мешавад, кирдор бояд бо банди «л» қисми 2-и моддаи 104 КҶ ва вобаста аз ҳолатҳои мушаххаси кор инчунин бо қисмҳои дахлдори моддаҳои 138 ё 139-и КҶ банду баст карда шавад.

18. Барои татбиқ намудани банди «м» қисми 2-и моддаи 104 КҶ бояд ангезаи мушаххаси дар қонун нишондодашуда (бо сабаби нафрат ё хусумати миллӣ, нажодӣ, динӣ, маҳалгароӣ ё интиқоми хунӣ) муайян карда шавад. Ин ангеза метавонад дар якҷоягӣ бо дигар асосҳо (қасд, ғараз, аз ҳиссиётҳои авбошӣ) ба миён ояд, вале дар байни онҳо ангезаи мазкур бояд бартарӣ дошта бошад.

Дар ин маврид ангезаи бартаридошта, мумкин аст дар ҳолатҳои зерин: кушиши гунаҳгор барои зарар расонидан ба ҷабрдида вобаста ба мансубияти миллӣ, нажодӣ ё маҳалли зисташ ё ин ки мансубияти диниаш ва ба ин васила паст задани обуру ва шаъну шарафи миллатҳо, нажодҳо ё динҳои алоҳида, ифода гардад. Чунин ангеза метавонад дар қасос гирифтан аз ҷабрдида барои розӣ нашудани ӯ ҷиҳати дастгири кардани табъизи миллӣ ва динӣ зоҳир шавад.

Бо банди «м» қисми 2-и моддаи 104 КҶ, инчунин кушторе банду баст карда мешавад, ки аз рӯи интиқоми хунӣ содир шудааст. Ин куштор асосан бо баҳонаи интиқом гирифтан аз шахс, аҳли оила ё авлоди ӯ барои ҳақиқатан ё маҷозан хафа кардани гунаҳгор ё аҳли оилаи ӯ содир карда мешавад. Чун қоида, интиқоми хунӣ бо сабаби куштори хешу таборӣ ба амал меояд.

19. Бо банди «н» қисми 2-и моддаи 104 КҶ кушторе банду баст карда мешавад, ки бо мақсади истифодаи аъзои бадан ё бофтаҳои ҷабрдида содир шуда бошад.

Васеъ шудани имконияти соҳаи тиб оиди аз як шахс ба шахси дигар гузаронидани аъзои бадан ё бофтаҳо (трансплантатсия) барои ба даст овардани маводи донорӣ, талаботро ба миён овардааст. Ин ҳолатҳо метавонад ба куштор ҷиҳати ба даст овардани аъзои бадан ё бофтаҳо барои истифода дар трансплантатсия оварда расонанд. Ангезаи содир намудани ин ҷиноят асосан хусусияти ғаразнок дорад (дар чунин ҳолатҳо кирдор бояд дар маҷмӯъ бо бандҳои «и, н» қисми 2-и моддаи 104 КҶ банду баст карда шаванд), вале ин ҷо метавонанд дигар ангезаҳо низ бошанд (маслан, кушиши наҷот додани ҳаёти наздикон аз ҳисоби дигарон, бомуваффақият гузаронидани ҷарроҳӣ ва ғайра).

Бояд ба назар гирифт, ки ин ҷиноят на танҳо бо мақсади истифодаи аъзои бадан ё бофтаҳо (трансплантатсия), инчунин бо дигар мақсадҳо низ содир шуданаш мумкин аст (масалан, дар мавридҳои одамхӯрӣ (каннибализм), садистӣ, ашёпарастии ҷинсӣ (половой фетишизм) ва ғайра). Истифодабарии аъзои бадан ё бофтаҳои одамӣ бо мақсадҳои саноатӣ низ ҷой доштанаш мумкин аст. Дар ин маврид муҳимаш он аст, ки куштор бо мақсади истифодаи аъзои бадан ё бофтаҳои ҷабрдида содир гардида, хусусиятҳои истифода бурдани он метавонад ҳархела бошанд.

20. Бо банди «о» қисми 2-и моддаи 104 КҶ ҳаракати гунаҳгоре, ки меъёрҳои байналмиллалии ҳуқуқи башарро дар ҷараёни низои мусаллаҳонаи байналмиллалӣ ва дохилӣ қасдона вайрон карда, куштор намудани банду баст карда мешавад.

Дар ин ҳолат ҳаракати гунаҳгор бояд бо банди «о» қисми 2-и моддаи 104 КҶ вобаста ба ҳолатҳои дар маҷмӯъ бо моддаи 403-и КҶ банду баст карда шавад.

21. Ҳангоми банду басти ҳаракатҳои гунаҳгор бо банди «п» қисми 2-и моддаи 104 КҶ бояд талаботи қисми 3-и моддаи 21 ва моддаи 19-и ҳамин Кодекс риоя карда шавад.

Дар вақти содир шудани куштор дар ҳолати ретсидиви махсусан хавфнок ба назар гирифтан зарур аст, ки ин ҳолат аломати бандубасткунанда буда, бояд аз ҷониби мақомоти тафтишоти пешакӣ ба гунаҳгор дар айбнома эълон шуда бошад.

Банди мазкур инчунин ҷавобгариро барои такроран содир намудани одамкӯшӣ, яъне аз ҷониби шахсе, ки пеш одамкушӣ содир кардааст, (ба ғайр аз кӯдаки навзоди худро куштани

модар, одамкушӣ дар ҳолати ҳаяҷони сахти рӯҳӣ, одамкушӣ дар ҳолати аз ҳадди мудофиаи зарурӣ баромадан) новобаста аз он, ки барои ин пеш суд шудааст ё не, пешбинӣ менамояд.

Агар шахси гунаҳгор пеш барои одамкушӣ ё сӯиқасди он маҳкум нашуда бошад, пас ин кирдори ӯ мустақилона банду баст карда мешавад ва ҷинояти охирини ӯ бошад, вобаста аз ба итмом расидан ё нарасиданаш бо банди «п» қисми 2-и моддаи 104 ё моддаи 32, банди «п» қисми 2-и моддаи 104 КҶ банду баст карда мешавад.

Дар сурати мутобиқи қонун барҳам хӯрдан ё бардоштани доғи судӣ барои ҷинояти пеш содиршуда, инчунин дар ҳолатҳои аз ҷавобгарӣ озод кардани шахс бо сабаби гузаштани мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан кирдор бо банди «п» қисми 2-и моддаи 104 КҶ банду баст карда намешавад.

22. Суд метавонад дар мурофиаи судӣ банду басти ҳаракати судшавандаро аз банди «а» ба банди «п» қисми 2 моддаи 104 КҶ тағйир диҳад ё баръакс.

Агар бо ин вазъияти судшаванда бад карда нашавад ҳуқуқҳои ӯ барои ҳимоя вайрон карда нашавад (ба таври ҷиддӣ тағйир додани ҳолатҳои воқеии кор алоқаманд набошад, аз ҷумла, марбут ба ангеза, мақсад ва тарзи куштор бо ворид намудани лаҳзаҳое, ки айби қаблан ба айбдоршаванда эълон гардиданро воқеан зиёд намоянд ва ғайраҳо). Дар дигар ҳолатҳо аз ҷониби суд тағйир додани айбнома аз як банд ба банди дигари қисми 2-и моддаи 104 КҶ бидуни ба тафтишоти иловагӣ баргардонидани парванда номумкин аст.

23. Аз рӯи мафҳуми қонун одамкушӣ наметавонад бо аломатҳои бандубасткунандаи дар бандҳои «а, д, ж, п» қисми 2-и моддаи 104 КҶ пешбинишуда, инчунин дар ҳолатҳое, ки тасаввурот бо бераҳмии махсус алоқаманд мебошад (аз ҷумла, ҷароҳати зиёд, куштор дар ҳузури шахсони ба ҷабрдида наздик) содиршуда ҳисобида шавад, агар он дар ҳолати ҳаяҷони сахти рӯҳӣ ё баромадан аз ҳадди мудофиаи зарурӣ содир гардида бошад.

24. Одамкушие, ки бо аломатҳои бандубасткунандаи дар ду ё зиёда бандҳои қисми 2 моддаи 104-и КҶ пешбинишуда содир шудааст, бояд бо ҳамаи ин бандҳо банду баст карда шавад. Ҷазо бошад дар чунин ҳолатҳо набояд дар алоҳидагӣ бо ҳар як банд таъин карда шавад, вале ҳангоми таъини ҷазо бояд мавҷудияти ҳар яки ин аломатҳои бандубасткунанда ба назар гирифта шавад.

Дар ҳолатҳое, ки агар ба судшаванда барои содир кардани одамкушӣ бо якчанд аломатҳои бандубасткунанда дар бандҳои гуногуни қисми 2-и моддаи 104 КҶ пешбинигардида, айб эълон шуда ва он бо баъзеи ин бандҳо тасдиқи худро наёфта бошад, дар қисми баёнии ҳукм басанда аст, ки хулоса оиди беасосии айби эълоншуда бо ин ё он банд асоснок карда шавад.

25. Куштори корманди ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё дар ҳабси пешакӣ нигоҳ доштан ва ё маҳкумшуда бо мақсади монеъ шудан ба ислоҳшавӣ ё ин ки бо сабаби интиқом барои қарзи ҷамъиятиашро иҷро намудани ӯ, ки аз ҷониби шахси ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро адокунанда ё дар ҳабси пешакӣ буда, содир карда шуда он бояд ба ғайр аз қисми дахлдори моддаи 104-и КҶ боз бо моддаи 331 ё 332-и Кодекси мазкур, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои монеъ шудан ба фаъолияти муассисаҳои татбиқкунандаи ҷазо ва муассисаҳои ҳабси пешакӣ, ё кирдорҳое, ки кори ҷойҳои маҳрумият аз озодиро номураттаб месозанд, банду баст карда шавад.

Агар куштор зимни бо зӯроварӣ ғасб намудани ҳокимият ё бо зӯроварӣ нигоҳ доштани ҳокимият, исёни мусаллаҳона содир шуда бошад, кирдори гунаҳгор барои маҷмӯи ҷиноятҳо, яъне мутаносибан бо моддаи 104 ва моддаҳои 306, 313-и КҶ банду баст карда мешавад.

26. Ҳангоми таъини ҷазо барои куштор бояд ҳамаи ҳолатҳои содир шудани он: шакли қасд, ангеза ва мақсад, тарз, вазъият ва давраи содиршавии ҷиноят, инчунин шахсияти гунаҳгор, муносибати ӯ ба кирдори содирнамудааш, ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷазо ба назар гирифта шаванд. Бар замми ин бояд маълумотҳои ба шахсияти ҷабрдида дахлдошта, муносибати ӯ бо судшаванда, инчунин рафтораш пеш аз содир гардидани куштор таҳқиқ карда шавад.

Якумра аз озодӣ маҳрум сохтан ҳамчун алтернативаи ҷазои қатл мумкин аст чун чораи ҷазои истисноӣ барои содир намудани ҷиноятҳои махсусан вазнин, ки ба ҳаёт тоҷовуз мекунанд, агар зарурати таъини он аз ҳолатҳое барояд, ки аз дараҷаи баланди хавфнокии ҷамъиятии кирдор шаҳодат медиҳанд ва дар баробари ин маълумотҳои бениҳоят манфӣ, ки гунаҳгорро ҳамчун шахсияти ба ҷамъият хавфи истисноӣ дошта баҳо медиҳанд, таъин карда шавад.

Таъин намудани ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан ҳамчун алтернативаи ҷазои қатл дар ҳама ҳолат бояд дар ҳукм бо назардошти ҳолатҳои муайяншудаи содиршавии ҷиноят ва маълумотҳое, ки шахсияти судшавандаро бо пуррагии аниқ баҳо медиҳанд, асоснок карда шавад.

27. Дар вақти баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба одамкушӣ, дар сурати мавҷуд будани асосҳо суд бояд таъиноти (қарорӣ) хусусӣ бароварда, диққати мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ё шахсони мансабдорро ба фактҳои аз рӯи кор ошкор кардашудаи вайронкунии қонун, сабабу шароитҳое, ки ба содир гардидани ҷинояти зикргардида, мусоидат кардаанду дидани чораҳои дахлдорро талаб менамоянд, ҷалб намоянд.

28. Ба судҳои марҳилаи кассатсионию назоратӣ тавзеҳот дода шавад, ки назоратро ҷиҳати аз ҷониби судҳои зинаи якум барои ҳарҷониба, пурра ва холисона тафтиш кардани ҳолатҳои кор, қонунӣ ва асоснок баррасӣ намудани парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба одамкушӣ пурзӯр намоянд.

29. Бинобар қабул шудани Қарори мазкур Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 апрели соли 2001, №1 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои одамкушӣ» (бо тағйиру иловаҳо, ки бо қарори Пленум аз 24 феврали соли 2005 №6 дохил карда шудааст) беэътибор дониста шаванд.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Н. Абдуллоев**

**Котиби Пленум,**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **М. Саидов**